**ИҚТИБОС**
**АЗ ПРОТОКОЛИ РАЁСАТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*ш. Душанбе* *аз 28 октябри соли 2021, №8*

*Дар бораи шӯроҳои диссертатсионӣ*

Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Комиссия) ҷиҳати иҷрои талаботи қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Таъсиси шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи як ихтисос дар ҳайати 9 нафар, аз рӯйи ду ихтисос дар ҳайати 11 нафар ва аз рӯйи се ихтисос дар ҳайати 15 нафар муқаррар карда шавад.
2. Ҳайати шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи як ихтисос дар ҳайати 8 доктори илм ва 1 номзади илм; аз рӯйи ду ихтисос - 10 доктори илм ва 1 номзади илм ва аз рӯйи се ихтисос - 15 доктори илм муқаррар карда шавад.
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба ӯҳдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. гузошта шавад.

Раис А. Розиқзода

Котиби илмӣ Ш. Бозоров

**ИҚТИБОС**
**АЗ ПРОТОКОЛИ РАЁСАТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*ш. Душанбе* *аз 28 октябри соли 2021, №8*

*Дар бораи шӯроҳои диссертатсионӣ*

Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Комиссия) ҷиҳати иҷрои талаботи қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Барои таъмини эҳтиёҷоти кишвар бо кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ бо ихтисосҳои такроршаванда танҳо баъд аз омӯхтани иқтидори илмии муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ иҷозат дода шавад.
2. Ба мудирони шуъбаҳо супориш дода шавад, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур, якҷо бо муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ чораҷӯӣ намоянд.
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба уҳдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. гузошта шавад.

Раис А.Розиқзода

Котиби илмӣ Ш.Бозоров